УДК (ТБУ) 657.1.012.1
ББК 65.052.2

## ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ БАҲИСОБГИРИИ САРМОЯИ ХУДӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОН ДАР НИЗОМИ БАҲИСОБГИРИИ ТОҶИКИСТОН

***Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич*** – *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*
***Собирова Мавзунахон Давронҷоновна*** - *ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

## МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ УЧЕТА СОБСТВЕННОГО КАПИТАЛА И ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В СИСТЕМЕ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА ТАДЖИКИСТАНА

***Дадоматов Далерджон Нишонбоевич*** – *доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики*
***Сабирова Мавзунахон Давронджоновна*** – *ассистент кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики*

## INTERNATIONAL EXPERIENCE IN ACCOUNTING FOR EQUITY CAPITAL AND ITS USE IN THE ACCOUNTING SYSTEM OF TAJIKISTAN

***Dadomatov Dalerjon Nishonboevich*** - *Dr. of Economics, Professor of the Department of Accounting Tajik State University of Law, Business, Politics Tajikistan*
***Sobirova Mavzunakhon Davronjonovna***- *Assistant of the Department of Accounting Tajik State University of Law, Business, Politics Tajikistan*

***Вожаҳои калидӣ:*** *сармояи худӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фоида, тавозун, захираҳои ҳатмӣ, саҳмияҳои оддӣ ва саҳмияҳои имтиёзнок.*

*Мақола ба таҳқиқи назариявии сиёсати баҳисобгирии муҳосиби дар шароити муосир ба саноатикунонии босуръат мавриди баррасӣ равона шудааст. Дар мақола ақидаҳои гуногуги олимони соҳа мавриди омузиш ба амсилаи иқтисодиёти саноати ва сиёсати баҳисобгирии давлат бояд ба шароитҳои ба миён омада мувофиқ бошад, муайян карда шудааст. Дар мақола аз ҷониби муаллиф маълумоти ҳисоботи молиявии дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккулёфта дар ҷомеаи иқтисодии ҷаҳон ҳамчун маҷмуи нишондиҳандаҳои иқтисодии ба шахсони манфиатҷӯ фаҳмо оварда шудааст. Дар зимни таҳқиқ сохтори сармояи худии корхонаҳо, соҳаи истифодабарӣ ва хусусияти баҳисобгирии он аз ҳолатҳои гуногун вобастагӣ дорад, ошкор карда шудааст.*

***Ключевые слова:*** *собственный капитал, резервный капитал, добавочный капитал, прибыль, баланс, необходимые ресурсы, простые и привилегированные акции.*

*Статья посвящена теоретическому исследованию учетной политики в современных условиях быстрой индустриализации. В статье рассматриваются адекватно складывающимся условиям, различные мнения ученых в таких областях исследования, как экономика*

*промышленности и государственная учетная политика. Авторы представляют информацию о финансовой отчетности в системе бухгалтерского учета, сложившуюся в мировом экономическом сообществе, как совокупность экономических показателей, понятных заинтересованным сторонам. В ходе иследования было выявлено, что структура собственного капитала компании, сфера использования и особенности его учета зависят от разных ситуаций.*

***Key words****; equity, reserve capital, extra capital, profit, balance, necessary resources, ordinary shares and preference shares.*

*The article examined the theoretical study of accounting policy in modern conditions of rapid industrialization The article considers the various opinions of scientists in such areas of research as the economics of industry and state accounting policy, which are adequate to the prevailing conditions. In the article, the author's presents information on financial reporting in the accounting system that has developed in the world economic community, as a set of economic indicators that are understandable to stakeholders. During the investigation, it was revealed that the structure of the company's own capital, the scope of its use and the features of its accounting depend on different situations.*

Таҳқиқоти илмии ташаккулёбӣ, истифодабарӣ ва идоракунии захираҳои молиявии корхонаҳои хориҷӣ, инчунин инъикоси ин иттиллоот дар сабткунакҳои баҳисобгирӣ имконият медиҳад, ки таҷрибаи пешқадами баҳисобгирии сармояи худӣ ҷамъбаст карда шавад ва истифодаи амалии он ба самаранокии низоми баҳисобгирии сармояи худӣ мусоидат менамояд.

Маълумоти ҳисоботи молиявии дар низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ташаккулёфта дар ҷомеаи иқтисодии ҷаҳон ҳамчун маҷмуи нишондиҳандаҳои иқтисодии ба шахсони манфиатҷӯ фаҳмо баррасӣ мешавад (моликон, муассисон, роҳбарият, таҳлилгарон, сармоягузорон, қарздиҳандагон, харидорон ва таъминотчиён, мақомоти Иҷроияи Ҳокимияти давлатӣ ва ғ.). Тасдиқи сармоягузорони хориҷӣ оиди нокомилии ҳисоботи молиявӣ, ки ба истифодабарандагон маълумоти носаҳеҳ пешниҳод мекунад, дар назди иқтисодчиёни ватанӣ вазифаи асосӣ – мукамалгардонии методикаи таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилиро бо мақсади пешниҳоди маълумоти фаврӣ, муфид ва мубрамро ба ҳамаи истифодабарандагон гузошт.

Вобаста ба ин, низоми баҳисобгирии дар корхонаҳои ватанӣ амалкунанда мукамалгардонии низоми баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявиро дар асосӣ омузиш ва истифодабарии таҷрибаи мамлакатҳои иқтисодиёдашон рушдкарда тақозо мекунад. Дар айни замон таҳқиқоти масъалаи мазкур дар алоқа бо гузариш ба СБҲМ хеле рузмарра мебошад.

Оид ба баҳисобгирии сармояи худӣ дар тачрибаи давлатҳои хориҷӣ миқдори зиёди таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ бахшида шудааст. Дар адабиёти хориҷӣ масъалаи мазкур дар корҳои олимонӣ рус зерин баррасӣ шудааст, аз ҷумла, Д. Александер, Р.Н. Антони, Й. Бетге, М.Ф. Ван Бред, К. Друри, Д. Колдуэлл, Р.К. Мертон, Б. Нидлз, Ҷ. Рис, Э.С. Хендриксен, Ҷ.Р. Хикс, И.Ф. Шерр ва дигарон. Масъалаи мазкур дар адабиёти русӣ дар корҳои олимони зерин баррасӣ шудааст, ба монанди И.Н. Богатая, Е.М. Евстафьева, А.П. Михалкевич, В.Д. Новодворский, В.Ф. Палий, Д.А. Панков, М.Л. Пятов, Н.Н. Селезнёва, Я.В. Соколов, О.В. Соловьёва, Н.В. Ткачук ва дигар иқтисодчиён. Дар асарҳои олимони ватанӣ низ масъалаи мазкур баррасӣ шудааст, ба монанди Бобоев М.У., Каримов Б.Ҳ., Мирзоалиев А.А., Расулов Д.Т., Рахимов С.Х., Уроқов Д.У., Шобеков М.Ш., Хушвахтзода Қ.Х. ва дигарон.

Саҳми таҳқиқоти назариявӣ ва амалии олимон дар омӯзиши масъалаи мазкур хеле назаррас мебошад, вале таҳқиқоти усулҳои баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудити сармояи худӣ дар корхонаҳои хориҷӣ, қабули қарорҳои идоракунӣ дар асоси маълумоти низоми баҳисобгирии корхонаҳои хориҷӣ, пешниҳоди олимон ва мутахасисони ватанӣ оид ба истифодаи таҷрибаи

хориҷӣ дар корхонаҳои ватанӣ, инъикоси сармояи худӣ дар ҳисобҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ нокифоя боқӣ мондааст.[5; с.73]

Сохтори сармояи худии корхонаҳо, соҳаи истифодабарӣ ва хусусияти баҳисобгирии он аз ҳолатҳои гуногун вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама аз модели баҳисобгирии муҳосибие, ки дар мамлакат истифода карда мешавад. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар миқёси ҷаҳон моделҳои гуногуни баҳисобгирии муҳосибӣ мавҷуд мебошад.[5; с.73] Моделҳо ва низомҳои баҳисобгирӣ барои расидан ба мақсадҳои муайян таҳия карда мешаванд ва бо таърих, урфу одат, маданияти мамлакат алоқаи зич доранд. Моделҳои асосии баҳисобгирӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.

Моделҳои асосии баҳисобгирӣ

| Моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ | Хусусиятҳои фарққунанда | Мамлакатҳои истифодакунанда | Мақсади ташаккули ҳисобот оид ба тағйирёбии сармоя |
|---|---|---|---|
| Англо-саксонӣ | Ба манфиати сармоягузорон, қарздиҳандагон ва саҳмдорон равона шудааст | ИМА, Британияи Кабир, Австралия, Ҳоландия, Багама, Барбадос, Бенин, Бермуд, Ботсвана, Венесуэла, Гана, Гонконг, Доминикан, Замбия, Зимбабве, Исроил, Ҳиндустон, Индонезия, Ирландия, Канада, Кения, Кипр, Колумбия, Либерия, Мексика, Нигерия, Зеландияи Нав, Панама, Пуэрто-Рико, Сингапур, Танзания, Тринидад ва Тобаго, Уганда, Фидҷа, Филиппин, РҶА, Ямайка, ва дигарон | Мақсади ҳисобот пеш аз ҳама аз талаботи пуррагии тавзеҳоти иттилоот оиди сармояи худӣ ва кифоягии маълумот барои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои ҳолати сармоя, динамика ва самаранокии тағйирёбии он бар меояд, бештар ба талаботи ҳимояи манфиатҳои сармоягузорони институтсионалӣ ҷавобгӯ мебошад |
| Континенталӣ | Сатҳи баланди дахолати давлат ба сиёсати баҳисобгирии корхона | Австрия, Белгия, Дания, Италия, Олмон, Швейсария, Франсия, Россия Алжир, Ангола, Марокко, Сенегал ва дигарон | Мақсади ҳисобот – дастгирии консептсияи устуворӣ ва нигоҳдории сармояро ифода мекунад, ки бештар ба ҳимояи манфиатҳои кредиторони асосӣ равона шудааст. Расидан ба мақсад тавассути татбиқи қонунгузории принсипҳои беғаразӣ ва эҳтиёткорӣ таъмин карда мешавад, ки иҷроиши онҳо таркиби сармояи худиро муайян мекунад ва шароит барои андухти фоитаи тақсимношуда фароҳам |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | меорад |
| Америкаи Лотинӣ | Ба талаботи мақомоти давлатӣ барои пешбурди сиёсати фискалӣ равона шудааст | Аргентина, Боливия, Бразилия, Чилӣ, Уругвай ва дигарон | Ҳисоботи молиявӣ ба мақомоти андоз ва давлат нигаронида шудааст |
| Исломӣ | Омилҳои дини бартарӣ доранд, манъи даромади ҳаннотӣ (ҷаллобӣ) ва як қатор намуди фаъолият | Баҳрейн, Судан, Йордания, Индонезия, Қатар, Арабистони Саудӣ, Оман, Покистон, Сурия, Туркия, Эрон, Бангладеш ва дигарон | Мақсади ҳисобот – таъминоти талаботи иттилооти давлат, зеро ҷамъоварӣ ва тақсимоти закот ва дигар андозҳои давлатӣ ҳуқуқи мустаснои давлати исломӣ мебошад. Он барои эҳтиёҷоти андозбандии давлатӣ ва танзими макроиқтисодӣ равона шудааст Ҳисоботи молиявӣ ба ташаккули иттилоот дар доираи талаботҳои шариат нигаронида шуда, ба таъмини адолати иҷтимоӣ ва рушди самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шудааст |
| Байналмилалӣ | Ба манфиати ширкатҳои фаромиллӣ ва иштирокчиёни хориҷии бозори байналмилалии асъор равона шудааст | Мамлакатҳое, ки ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ омода карда мешавад, аз он ҷумла кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва посошуравӣ | Мақсади ҳисобот – тавзеҳоти иттилоот оид ба ҳаракати сармояи худ, динамикаи он, тағйирёбии андозаи фоидаи тақсимношуда (зарари руйпушношуда) ва ҳиссаи саҳмияҳои худии харидашуда аз саҳмдорон мебошад. Расидан ба мақсад тавассути татбиқи принсипи фаъолияти муттаасил таъмин карда мешавад, ки бештар ба ҳимояи манфиатҳои доираи васеи сармоягузорон, қарздиҳандагон ва дигар кредиторони потенсиалӣ нигаронида шудааст. |

*Сарчашма: таълифи муаллифон*

Таҳқиқоти рушди баҳисобгирӣ дар мамлакатҳои гуногун имконият медиҳад дарк намоем, ки кадом масъалаҳоро баҳисобгирӣ дар ин ё он давлат ҳалу фасл мекунад. Дар байни моделҳои дар боло овардашуда дар миқёси ҷаҳон аз ҳама паҳншуда модели англо-саксонӣ ва

континенталӣ мебошад. Ин аз он вобаста мебошад, ки давлатҳои англо-саксонӣ ва аврупои дар рушди иқтисодиёти ҷаҳон мавқеъи устувор доранд ва дар давлатҳое, ки мустамликаи ин давлатҳо буданд, паҳн гаштааст. Дар ҳар як давлат низоми фардии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ амал мекунад, ки зери таъсири бевоситаи давлат, қонунгузории меъёрию ҳуқуқӣ ва андозӣ қарор дорад [1; с.280]. Дар мамлакатҳои номбурда таҷрибаи ғании ташкили баҳисобгирӣ андӯхта шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳамаи моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ба масъалаи пешниҳоди маълумот оид ба сармояи худӣ диққати махсус дода мешавад. Маҳз ин нишондиҳандаи ҳисоботи молиявӣ дар бораи миқёси фаъолияти корхона, муваффақияти рушди он ва дар муқоиса бо дигар нишондиҳандаҳо оид ба ҳолати молиявии он маълумот медиҳад. Сохтори сармояи худӣ аз сохтори ташкилии корхона, қонунгузории амалкунандаи ҳар як мамлакат ва як қатор омилҳои дигар вобастагӣ дорад. Бинобар ин хусусияти баҳисобгирии сармояи худиро дар амалияи байналмилалӣ дида мебароем. Дар ҷадвали 2 сохтори сармояи худии корхонаҳо ва инъикоси он дар ҳисоботи молиявии мамлакатҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Ҷарвали 2

Сохтори сармояи худии корхонаҳо ва инъикоси он дар ҳисоботи молиявии мамлакатҳои хориҷӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Моделҳои баҳисобгирии муҳосибӣ | Мамлакат | Сохтори сармояи худӣ | Инъикос дар ҳисоботи молиявӣ |
|---|---|---|---|
| Англо-саксонӣ | Америка* | Сармояи худии корхонаҳои ИМА аз ду қисм иборат мебошад:<br>Сармояи пешпардохтшуда (гузошташуда) – андозаи маблағузории саҳҳомон, ин асосан ба саҳмияҳои оддӣ ва имтиёзнок бо арзиши номиналӣ ва сармоя, ки барзиёд аз номиналӣ пардохт шудааст;<br>- сармояи барилова маблағгузоришуда (ба даст овардашуда) – қисми фоидаи андухташуда, ки аз фаъолтияти тиҷорати ба даст овардашуда ва ба корхона сармоягузорӣ шуда. | Таркиби сармоя:<br>- сармояи саҳҳомӣ;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- фоидаи софи тақсимношуда;<br>- зарар аз арзиши саҳмияҳои харидашуда;<br>- ҳамаги сармояи саҳҳомӣ. |
| | Британияи Кабир* | Сармояи худӣ дар бар мегиард:<br>- сармояи саҳҳомӣ;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- Фоидаи тақсимношуда;<br>-захираҳо, ба монанди захираи азнавбаҳодиҳӣ;<br>- дигар захираҳо (захираи саҳмияҳои худӣ, захираи хариди сармоя, захираҳои тибқи оиннома | Сармоя ва захираҳо:<br>- Сармояи саҳҳомии ҷалбкардашуда;<br>- Сармояи иловагӣ;<br>- Захираи азнавбаҳодиҳӣ;<br>- Дигар захираҳо;<br>- Захира барои хариди саҳмияҳои имтиёзнок;<br>- Захира барои саҳмияҳои худӣ;<br>- Захираҳое, ки дар |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | ташкилкардашуда ва ғайра). | оиннномаи корхона тасдиқ шудааст;<br>- Дигар захираҳо;<br>- Фоидаи тақсимношуда. |
| Континенталӣ | Олмон* | Сармояи худӣ пешниҳод шудааст:<br>- сармояи оинномавӣ;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- захирае, ки бо қонун тасдиқ шудааст;<br>- захираи иштироки ҳиссавӣ;<br>- захираҳои дар оиннома пешбинишуда;<br>- дигар захираҳо;<br>- фоидаи (зарар) ба соли ояндаи ҷорӣ гузаронидашуда;<br>- фоидаи солона (зарар). | Сармояи худӣ ва ҳиссаҷудокунӣ ба фонди захиравӣ:<br>- сармояи гаравӣ;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- ҳиссаҷудокунӣ аз фоида ба захира;<br>- захираҳое, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст;<br>- захираҳое, ки дар оинномаи ҷамъият тасдиқ шудааст;<br>- дигар ҳиссаҷудокуниҳо ба захира;<br>- натиҷаи солонаи соли гузашта;<br>- натиҷаи давраи гузашта;<br>- ҳиссаҷудокунӣ фоида ба захира то натиҷаи тавозунӣ. |
| | Фаронса* | Сармояи худӣ тақсим мешавад ба:<br>- сармояи саҳҳомӣ;<br>- даромади эмиссионӣ;<br>- фоида тақсимношуда;<br>- захираҳо (захираи азнавбаҳодиҳӣ; захирае, ки қонунгузорӣ иҷозат додааст; захирае, ки дар оиннома пешбинӣ шудааст ва дигар захираҳо);<br>- фоида ва зарар дар давра. | Ҳисоби сармоя:<br>- Сармоя;<br>- натиҷаи соли гузашта;<br>- натиҷаи соли ҳисоботӣ;<br>- Субсидияҳои маблағгузориҳои асосӣ;<br>- захираҳои баҳододашуда;<br>- захираҳои баҳододашудаи хароҷоти имконпазир. |
| | Полша* | Сармояи худӣ иборат аст:<br>- сармояи оинномавӣ, обунашудаи (пардохтношуда) иловагӣ;<br>-захира барои азнавбаҳодиҳии дороиҳо;<br>- дигар сармояи захиравӣ;<br>- фоидаи тақсимношуда;<br>- фоидаи соф ё зарари соли молиявӣ. | Сармояи худӣ ва фондҳои махсус:<br>- Сармояи оинномавӣ;<br>- дигар сармояи худӣ;<br>- Сармояи эҳтиётӣ;<br>- Сармояи захиравӣ;<br>- Сармояи азнавбаҳодиҳӣ;<br>- Захираҳо;<br>- Ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалии даромадҳои байнидавравӣ;<br>- Фондҳои махсус. |
| | Россия* | Сармояи худӣ дар бар мегирад:<br>- сармояи оинномавӣ; | Сармоя ва захираҳо:<br>- сармояи оинномавӣ;<br>- сармояи захиравӣ; |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | - сармояи захиравӣ;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- фоидаи тақсимношуда (зарари руйпушношуда);<br>- ҳиссаи саҳмияҳои худии аз саҳҳомон харидашуда;<br>- молиякунонии мақсаднок. | - саҳмияҳои худии аз саҳҳомон харидашуда;<br>- азнавбаҳодиҳии дороиҳои ғайригардон;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- захираҳое, ки тибқи қонунгузорӣ ташкил карда шудааст;<br>- захираҳое, ки тибқи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ташкил карда шудааст;<br>- фоидаи тақсимношуда (зарари руйпушношуда). |
| | Белоруссия* | Сармояи худӣ:<br>- Сармояи оинномавӣ;<br>- Сармояи захиравӣ;<br>- Сармояи иловагӣ;<br>- Молиякунонии мақсаднок;<br>- фоидаи тақсимношудаи (зарар) солҳои гузашта;<br>- фоидаи софи (зарар) соли ҳисоботӣ | Сармояи худӣ:<br>- Сармояи оинномавӣ;<br>- Саҳмияҳои худӣ (ҳисса);<br>- Сармояи захиравӣ;<br>- Сармояи иловагӣ;<br>- Фоидаи тақсимношуда (зарари руйпушношуда);<br>- Молиякунонии мақсаднок. |
| | Украина* | Сармояи худӣ дар бар мегирад:<br>- сармояи оинномавӣ;<br>- сармояи саҳмӣ;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- фоидаи тақсимношуда;<br>- гирифтани сармоя;<br>- сармояи пардохтношуда;<br>- захираҳои суғуртавӣ. | Сармояи худӣ ва таъминоти уҳдадорӣ:<br>- сармояи оинномавӣ;<br>- сармояи саҳмӣ;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- - сармояи захиравӣ;<br>- фоидаи тақсимношуда;<br>- гирифтани сармоя;<br>- сармояи пардохтношуда;<br>- таъминоти хароҷот ва пардохтҳои оянда;<br>- маблағгузории мақсаднок;<br>- захираҳои суғуртавӣ. |
| Америкаи Лотинӣ | | Дар им мамлакатҳо US GAAP ва аксар ҳолат IFRS истифода мешавад | |
| Исломӣ | Эрон[1] | Сармоя:<br>- сармояи пардохтшуда;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- дигар захираҳои ҳатмӣ;<br>- баҳодиҳии иловагӣ;<br>- фарқияти қурбии мубодилаи асъор; | Сармоя:<br>- сармояи пардохтшуда;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- дигар захираҳои ҳатмӣ;<br>- баҳодиҳии иловагӣ;<br>- фарқияти қурбии мубодилаи асъор; |

[1] https:// hesabjam.ir

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | - фоидаи умумии тақсимношуда;<br>- ҳиссаи хазина. | - фоидаи умумии тақсимношуда;<br>- ҳиссаи хазина. |
| Интернатсионалӣ (Байналмилалӣ) | Қазоқистон | Сармоя ва захираҳо1:<br>- сармояи оинномавӣ;<br>- сармояи пардохтношуда;<br>- ҳиссаи воситаҳои худии бозхаридшуда;<br>- даромади эмиссионӣ;<br>- сармояи илова пардохтшуда;<br>-захираҳо;<br>- фоидаи тақсимнашуда (зарари руйпушнашуда);<br>- фоидаи ҷамъбастӣ (зарари ҷамъбастӣ). | Сармоя2:<br>- сармояи оинномавӣ (саҳҳомӣ);<br>- даромади эмиссионӣ;<br>- ҳиссаи воситаҳои худии бозхаридшуда;<br>- компоненти дигар даромади маҷмуӣ;<br>- фоидаи тақсимнашуда (зарари руйпушнашуда);<br>- дигар сармоя;<br>- ҳиссаи моликони назоратнашаванда. |
| | Тоҷикистон[3] | Сармояи худӣ:<br>- сармояи эълоншуда (оинномавӣ);<br>- саҳмияҳои оддӣ:<br>- саҳмияҳои имтиёзнок;<br>- сармояи барилова пардохтшуда;<br>- саҳмияҳои худии бозхаридшуда;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- грантҳо ва маблағгузории мақсаднок;<br>- тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ;<br>- тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дороиҳои дигар;<br>- фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи амалиёт бо асъори хориҷӣ;<br>- амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда;<br>- дигар сармояи иловагӣ;<br>- фоидаи тақсимнашуда;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- ҳадди аққалият. | Сармояи худӣ:<br>- сармояи эълоншуда (оинномавӣ);<br>- сармояи иловагӣ;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- фоидаи (зарари) тақсимношуда;<br>-ҳаққи аққалият. |
| | Қирғизистон[4] | Сармояи худӣ:<br>- сармоя худӣ; | Сармояи худӣ:<br>- сармояи ойинномавӣ; |

[1] https://adilet.zan.kz/rus/docs/V070004771_ (санаи муроҷиат 24.03.2023)
[2] https://adilet.zan.kz/rus/docs/V2200027025 (санаи муроҷиат 04.04.2023)
[3] http://minfin.tj/downloads/farmoish%20ykum.pdf (санаи муроҷиат 08.04.2023)
[4] Исраилов Т.М., Курманбекова А.А. Финансовый учет: Учебник. Ош: Издательство ЧП «Тойчубаев А.», 2015. – 628 с. С. 28-44

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | - саҳмияҳои оддӣ;<br>-саҳмияҳои имтиёзнок;<br>- саҳмияҳои худии бозхаридшуда;<br>- дигар сармояи ойинномавӣ;<br>- сармояи барилова пардохтшуда;<br>- тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дороиҳо;<br>- фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи амалиёт бо ҷузъҳои хориҷӣ ба ширкатҳои хориҷӣ;<br>- сармояе, ки моликон пешпардохт кардаанд (моликон);<br>- фоидаи тақсимнашуда;<br>- сармояи захиравӣ. | - саҳмияҳои оддӣ;<br>-саҳмияҳои имтиёзнок;<br>- саҳмияҳои худии бозхаридшуда;<br>- сармояи барилова пардохтшуда;<br>- фоидаи тақсимнашуда;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- сармояи иловагӣ. |
| | Узбекистон | Сармояи худӣ дар бар мегирад:<br>- сармояи ойинномавӣ;<br>- саҳмияҳои оддӣ;<br>-саҳмияҳои имтиёзнок;<br>-саҳм ва ҳисса;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- даромади эмиссионӣ;<br>- фарқиятҳои қурбӣ ҳангоми ташаккули сармояи ойинномавӣ;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- сармояи захиравӣ, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст;<br>- сармояи захиравӣ аз азнавбаҳодиҳии дороиҳо;<br>- саҳмияҳои худии бозхаридшуда;<br>- саҳмияҳои одии худии бозхаридшуда;<br>- саҳмияҳои имтиёзноки худии бозхаридшуда;<br>- фоидаи тақсимнашуда;<br>- фоидаи тақсимнашудаи давраи ҳисоботӣ;<br>- фоидаи тақсимнашудаи солҳои гузашта;<br>- маблағгузории мақсаднок;<br>- грантҳо;<br>- субсидҳо;<br>- аъзоҳақӣ; | Сарчашмаи воситаҳои худӣ:<br>- сармояи ойинномавӣ;<br>- сармояи иловагӣ;<br>- сармояи захиравӣ;<br>- саҳмияҳои худии бозхаридшуда;<br>- фоидаи тақсимнашуда;<br>- маблағгузории мақсаднок;<br>- захираи хароҷоти оянда ва пардохтҳо. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | - имтиёзҳои андозӣ;<br>- дигар маблағгузориҳои мақсаднок;<br>- захираи хароҷоти оянда ва пардохтҳо;<br>- ташаккули захираҳо;<br>- соқит кардани захираҳо. | |

*Сарчашма: * Соколов Я.В., Бутынец Ф.Ф., Горецкая Л.Л., Панков Д.А. Бухгалтерский учет в зарубежных странах: учебное пособие. [Отв. ред. Ф.Ф. Бутынец]. - М.: ТК «Велиби», Издательство «Проспект», 2007. - С. 30-65;*

Чи хеле ки маълумоти ҷадвали 2 дар бораи фарқиятҳои гуногун дар баҳисобгирии мамлакатҳои хориҷӣ  ва шакли пешниҳоди иттилоот оид ба сармояи худӣ шаҳодат медиҳад, вале дар ҳамаи низомҳои баҳисобгирӣ чунин унсурҳои он ба монанди, сармояи худӣ, фоидаи тақсимнашуда, сармояи захиравӣ ва сармояи иловагӣ мавҷуд мебошанд. Дар мамлакатҳои хориҷӣ диққати махсус ба тавзеҳоти иттилоот оид ба захираҳое, ки аз ҳисоби фоида ва барои мақсадҳои гуногун ташаккул дода шудаанд, дода мешавад. Он аз гуногунии сарчашмаҳои ташакулёбии захираҳо, талаботҳое, ки дар қонунгузории мамлакат муқаррар шудааст ва барои кадом мақсадҳои захираҳои ташкил шудаанд, вобастагӣ дорад[3; с.135].

Сарчашмаи асосии иттилооти оид ба сармояи худи тавозуни муҳосибӣ баромад менамояд, ки он дар мамлакатҳои хориҷӣ дар ду намуд метавонад тартиб дода шавад: ҳисобҳои баҳисобгирӣ (шакли амудӣ) ва ҳисоботи бухгалтерӣ (шакли уфуқӣ). Шакли ҳисоботи бухгалтерӣ нисбат ба шакли ҳисобҳои бухгалтерӣ хеле паҳншуда мебошад, зеро он барои истифодабари қулай буда, ба таври возеҳ иттилоотро пешниҳод менамояд.

Маълумот муфассал оид ба сармояи худӣ ва ҷузъҳои он дар ҳисобот оид ба тағйирёбии сармоя ошкор карда мешавад ё маълумоти мазкурро дар эзоҳ ба тавозуни муҳосибӣ инъикос менамоянд.

Муфассал пешбурди баҳисобгии сармояи худиро дар мамлакатҳои тараққикарда, ба монанди ИМА, Англия ва Франсия дида мебароем. Дар ин мамлакатҳои шакли паҳнгаштаи ташкили корхонаҳо саҳҳомӣ мебошад ва дар мисоли онҳо таҷрибаи ташаккулёбӣ ва истифодабарии сармояи худиро дида мебароем. [5; с.75]

Дар ИМА сармояи худӣ аз сармояи пешпардохтшуда (гузошташуда) ва сармояи аз нав маблағгузоришуда (ба даст овардашуда) иборат мебошад. [2; с.722]  Дар давраи ибтидоии ташкили ҷамъияти саҳҳомӣ сарчашмаи асосии маблағгузорӣ сармояи худӣ ба шумор меравад, ки аз воситаҳои аз фурӯши саҳмия ворид шудаанд ташакукул меёбад.  Андозаи сармояи саҳҳомӣ аз рӯи арзиши номиналии барориши саҳмияҳо (оддӣ ва имтиёзнок) ба шумор меравад. [2; с.722]

Бо гузашти вақт корхона метавонад сармояи худиро бо роҳҳои зерин афзоиш диҳад: барориши саҳмияи иловагӣ; бо роҳи ҳамроҳ кардани як қисми фоида ба сармояи худӣ (фоидаи тақсимнашуда); фарқияти байни маблағи фуруши саҳмияҳо аз арзиши номиналии онҳо (сармояи иловагӣ).

Сармояи аз нав маблағгузоришудаи ширкат бу ду қисм тақсим мпешавад: даромадҳо ва хароҷоте, ки бевосита ба сармояи худӣ ҳамроҳ карда мешавад (тағйирёбии баҳодиҳии дороиҳои дарозмуддат); даромадҳо ва хароҷоте, ки дар ҳисобот оид ба даромадҳо (натиҷаи фаъолияти ширкат дар давраи ҳисоботӣ) инъикос карда мешавад.

Фоидаи соф ё андӯхташудаи ширкат ба самтҳои зерин метавонад равона карда шавад: ба пардохти ҳаққулсаҳм (камшавии сармояи худӣ); захираҳои барои мақсади муайян такшил шуда ва фоидае, ки барои истифобарии он мақсади муайян мавҷуд нест. Захираҳое, ки ширкатҳои ИМА ташаккул медиҳанд ё қонунгузорӣ муқаррар намудааст ё бо розигии умумии саҳҳомон ташкил карда шудааст. Захираҳои зерин мавҷуд мебошанд:

- захираҳои аз ҳисоби фоидаи тавозунӣ (захираҳои баҳододашуда, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст) ташкил кардашуда, аз талафоти имконпазир, ки онҳоро дар давраи ҳисоботӣ ба ҳисоб гирифтан мумкин аст. Ба онҳо дохил мешаванд, аз нав барқароркунии моликияти истеҳлокшаванда ва захира барои хароҷоти оянда;

- захираҳои аз ҳисоби фоида соф ташкилшаванда (сармояи "эҳтиётӣ", барои саҳм ба дороиҳои нави ширкат истифода карда мешаванд).

Вобаста аз зарурати корхона дигар захираҳо аз ҳисобои фоидаи соф ё тақсимнашуда ташаккул дода мешаванд[6; с.200].

Дар тавозуни ширкатҳои саҳҳомии ИМА диққати махсус ба тавзеҳои иттилоот оид ба сармояи саҳҳомӣ, сармояи иловагӣ ва фоида тақсимнашуда дода мешавад, инчунин маълумоти муфассал оид ба сармояи захиравӣ инъикос карда шуда, тафсилоти мушаххаси мазмуни иқтисодии ҳодисаҳои молиявӣ оварда мешавад. Амалиётҳо оид ба ташаккул ва баҳисобгирии сармояи худӣ дар Принсипҳои умумқабулшудаи баҳисобгирии муҳосибӣ (GAAP US) оварда шудаанд.

Дар Британияи Кабир асосан шаклҳои зерини ташкилӣ-ҳуқуқии корхона ба монанди ширкат, рафоқат паҳн гаштааст, мутаносибан дар сохтори сармояи худӣ ҳиссаи саҳмияи сармоягузорӣ бартарӣ дорад. Бинобар ин, сармояи худӣ ҳамчун ба қарз гирифташуда, ки бояд баргардонида шавад, баррасӣ мешавад.

Сармояи худӣ аз сармояи саҳҳомӣ, иловагӣ, фоидаи тақсимнашуда ва захираҳо иборат мебошад. Дар ширкатҳои Британияи Кабир ба ошкор намудани маълумот дар бораи фоидаи тақсимнашуда ва захираҳои ташакулёфта бештар диққат дода мешавад. Нишондаҳандаи муҳим фоидаи тақимнашуда ба ҳисоб меравад, зеро он 70 % эҳтиёҷоти ширкатро ба сармоя таъмин менамояд.

Маблағҳо аз фоида барои пӯшонидани ӯҳдадориҳо, хароҷоти ғайричашмдошт ва ӯҳдадориҳои шартӣ захира карда мешаванд. Захираҳо барои рӯйпуш кадани ӯҳдадориҳо алоҳида ба ҳисоб гирифта мешаванд. Захираҳо бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешаванд: азнавсозии сохтории корхона, бозхариди саҳмияҳои худ, пардохтҳои андозии мавқуфгузоштешуда, азнавбаҳодиҳии дороиҳои ғайригардон ва гайра. Диққати махсус ба захираҳо барои пардохтҳои андозии мавқуфгузошташуда ва азнавсозии сохтории корхона дода мешавад, онҳо дар тавозун дар сатрҳои алоҳида инъикос карда мешаванд. [2; с.722] Масъалаи баҳисобгирии сармояи худӣ дар стандартҳо ва Қонун дар бораи компанияҳои Британияи Кабир муқаррар карда шудааст.

Дар кишварҳои Америкаи Лотинӣ вобаста аз талаботи мақомоти давлатӣ барои пешбурди сиёсати фискалӣ равона шудааст. Дар ин мамлакатҳо низоми баҳисобгирӣ зери таъсири моделҳои англо-саксонӣ ва континенталии баҳисобгирӣ қарор дошта, ҳоло СБҲМ ба таври васеъ вобаста ба талаботҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ҳангоми баҳисобгирӣ ва дар ҳисоботи молиявӣ истифода мешавад. Дар он ҷо ҳамоҳангсозии низомҳои дар боло овардашуда ва модели интернатсионалии баҳисобгирӣ бо мақсади танзими давлатии иқтисодиёт ва низоми андозбандӣ рафта истодааст. Яъне модели баҳисобгирии ба ин кишварҳо хос таҳия шуда истодааст.

Дар низоми баҳисобгирии сармояи худии Фаронса стандартҳои миллӣ ва байналмилалӣ як дигарро пурра мекунанд. Ҳуҷҷати асосие, ки дар Фаронса баҳисобгирии сармояи худиро танзим менамояд, Қонун дар бораи баҳисобгирӣ, Кодекси тиҷоратӣ ва Нақшаи ҳисобҳо ба шумор меравад. Сармояи худӣ аз сармояи гузошташуда (саҳҳомӣ), даромади эмиссионӣ, фоидаи тақсимнашуда, захираҳо (қонунӣ, шартномавӣ, танзимшаванда аз фаромад аз сармоя, барои азнавбаҳодиҳӣ ва ғ.) фоида ва зарари давраи ҳисоботӣ, грантҳои сармоягузорӣ ва имтиёзҳои махсуси андозӣ.

Дар вақти инъикоси иттиллот оид ба сармояи худӣ дар баҳисобгирии Фаронса диққати асосӣ ба захираҳои дар корхона ташкил кардашуда равона карда мешавад. Онҳо ба ҳатмӣ ва ташабуссӣ тақсим мешаванд. Корхонаҳо захираҳои зерин ташкил мекунанд:

- истеҳлокӣ, камшавии баҳодиҳии дороиҳоро инъикос мекунад (захира барои қарзҳои шубҳанок);
- андозӣ, имтиёзҳои махсуси андозиро ифода мекунанд;
- захираҳои муваққатӣ, захираҳоро барои воқеъаҳои шартии фаъолияти хоҷагидорӣ (мисол, маблағи кафолат, ҷараёнҳои судии давомёфта ва ғ.) ва захираҳои барои хароҷот (мисол, ухдадориҳои нафақавӣ)[1].

Хусусияти сохтори нақшаи ҳисобҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ дар Фаронса мавҷудияти чунин мафҳумро "Ҳолати соф" таъмин мекунад, ки пас аз муайян кардани натиҷаи давраи ҳисоботӣ ташаккул меёбад ва дар бар мегирад: сармоя ва ҳақусаҳм (подоши сармоя), захира барои азнавбаҳодиҳӣ, дигар захираҳо, ҳисоби натиҷаи давраҳои гузашта ва натиҷаи давраи ҳисоботӣ, аммо кӯмакҳо (субсидия) ва захираҳои танзимшаванда хориҷ карда мешавад. Ин сармояи худиро аз тамоми воситаҳои худии корхона мушаххас нишон медиҳад [12; с.124].

Ҳамин тавр, дар Фаронса дахолати давлат ба танзимкунии баҳаисобгирии муҳосибӣ тавассути ташкилотҳои давлатӣ ва махсус ба назар мерасад. Инъикоси воқеъаҳои ҳаёти хоҷагӣ дар ҳисобгирӣ ва сабткунакҳои баҳисобгирӣ ба моҳияти иқтисодии амалиёт ва ба консервативии қабули қарорҳои идоракунӣ равона гардидааст. Чунин хусусият ба модели баҳисобгирии континенталӣ хос мебошад.

Дар ин мамлакатҳо баҳисобгирии сармояи худӣ чунин буда, каме фарқият дорад. Дар Аврупо шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ширкатҳо ба монанди ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва рафоқат паҳн гаштааст, ки дар сохтори сармояи худӣ ҳиссаи аъзоҳақии сармоягузорӣ бартарӣ дорад ва сармояи пешпардохтшуда ҳиссаи камро дар сармояи худӣ ифода мекунад. Дар натиҷа сармояи худӣ дар ҳисоботи молиявӣ дар шакли хеле маҳдуд ҳамчун сармояи худӣ ва иловагӣ пешниҳод карда мешавад. Ин хусусият ҳам ба Фаронса ва ҳам ба Англия хос мебошад.

Дар Олмон сармояи худӣ аз сармояи оинномавӣ иборат буда, корхона захираҳои гуногунро ташаккул медиҳад (сармояи захиравӣ; захирае, ки бо қонун тасдиқ шудааст; захираи иштироки ҳиссавӣ; захираҳои дар оинннома пешбинишуда; дигар захираҳо). Дар Полша сармояи худӣ аз сармояи оинномавӣ, обунашудаи (пардохтношудаи) иловагӣ; захира барои азнавбаҳодиҳии дороиҳо; дигар сармояи захиравӣ иборат мебошад.

Дар мамлакатҳои исломӣ, аз ҷумла Эрон сармояи худӣ аз сармояи пардохтшуда; сармояи иловагӣ; сармояи захиравӣ; дигар захираҳои ҳатмӣ; баҳодиҳии иловагӣ; фарқияти қурбии мубодилаи асъор; ҳиссаи хазина иборат мебошад. Чи хеле, ки мебинем дар Эрон танҳо ду модда иловагӣ аст, фарқияти қурбии мубодилаи асъор ва ҳиссаи хазина. Моддаи якум бо таҳримҳои давлатҳои Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико вобаста буда, сиёсати монетарии Ҷумҳурии исломии Эронро ифода мекунад. Моддаи дуюм бошад бо андозҳои ҳатмии давлатии бо меъёрҳои шариат танзимшаванда, алоқаманд мебонанд. Чунин хусусият ба модели баҳисобгирии исломӣ хос мебошад. Дар мамлакатҳои исломӣ баҳисобгирии сармояи худӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон монанд буда, каме бо таъсири моделҳои баҳисобгирии англо-саксонӣ ва континенталӣ фарқият дорад. Дар мамлакатҳои исломӣ самти истифодабарии Стандартҳои Байналхалқии Ҳисоботи Молиявӣ ҳангоми баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла сармояи худӣ инкишоф ёфта истодааст.

Стандартикунонии умумии маълумоти баҳисобгирӣ мувофиқи Стандартҳои Миллии Ҳисоботи Молиявӣ модели интернатсионалии баҳисобгириро тавсиф менамояд. Модели интернатсионалӣ, ки маҷмӯи қоидаҳои муайяни дар ҳисоботи молиявӣ ташаккул ва пешниҳоди иттилоотро оид ба сармояи худӣ пешбинӣ мекунад, дар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ васеъ татбиқ шуда истодааст. [3; с.135]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармояи худӣ аз сармояи эълоншуда (оинномавӣ); саҳмияҳои оддӣ; саҳмияҳои имтиёзнок; сармояи барилова пардохтшуда; саҳмияҳои худии

[1] Салтанова А.Г. Зарубежный опыт формирования и использования собственного капитала в сельскохозяйственных организациях // Аудит и финансовый анализ. - 2013. - №6. - С. 98-103

бозхаридшуда; сармояи иловагӣ; грантҳо ва маблағгузории мақсаднок; тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ; тасҳеҳот аз рӯи азнавбаҳодиҳии дороиҳои дигар; фарқиятҳои қурбӣ аз рӯи амалиёт бо асъори хориҷӣ; амволи арзишноки бебозгашт қабулшуда; дигар сармояи иловагӣ; фоидаи тақсимнашуда; сармояи захиравӣ иборат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон сармояи худӣ сармоя ва захираҳоро дарбар гирифта, чунин моддаҳоро дорад, сармояи оинномавӣ; сармояи пардохтношуда; ҳиссаи воситаҳои худии бозхаридшуда; даромади эмиссионӣ; сармояи илова пардохтшуда; захираҳо. Дар дигар кишварҳо, Қирғизистон, Ӯзбекистон сармояи худӣ чунин унсурҳоро фаро мегиард.

Ҳамин тавр, таҳқиқи низоми баҳисобгирии мамлакатҳо нишон медиҳад, ки ба ташаккули баҳисобгирии сармояи худӣ ҳолатҳои зерин таъсир мерасонанд, ба монанди модели баҳисобгирӣ, шакли ташкилӣ-ҳуқуқии корхона, дахолати давлат ба танзими баҳисобгирӣ, омилҳои динӣ, талабот ба тавзеҳот ва пешниҳоди иттилоот оид ба сармоя дар баҳисобгирӣ ва ғ.

АДАБИЁТ

1. Алимов А.А. Налоговая реформа и налоговое бремя в условиях переходной экономики Таджикистана / А. А. Алимов, А. М. Маъмуров // Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. – 2011. – № 6. – С. 278-284.
2. Дадоматов Д.Н., Кузибаева Б.М. Инвестиции как основной элемент развития регионального промышленного предпринимательства Таджикистана / Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. Научный журнал. – Москва: №11 ч.6, 2017. – С. 720-723. ISBN 2412-883X.
3. Дадоматов Д.Н., Қӯзибоева Б.М., Собирова М.Д. Равишҳои методӣ ба ташаккули баҳисобгирии идоракунии сармояи оинномавӣ дар ташкилоти тиҷоратӣ / Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ (илмҳои табиӣ – риёзӣ). Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Душанбе, 2021. – №3 (3-4). – С. 133-138 ISSN 2707-9996
4. Исраилов Т.М., Курманбекова А.А. Финансовый учет: Учебник. Ош: Издательство ЧП «Тойчубаев А.», 2015. –628 с.
5. Қӯзибоева Б.М. Нақши корхонаҳои муштарак дар рушди саноати мамлакат. / Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд, 2022. – №2 (91) – С. 72-81. ISSN 2411-1945
6. Михалкевич А.П. Бухгалтерский учет в зарубежных странах: учебное пособие. 2-е изд., перераб. и доп., - Мн.: ООО «Мисанта», ООО «ФУАинформ», 2003. – 202 с.
7. Низомов, С. Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С.Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссыккульского форума бухгалтеров и аудиторов ЦА. – 2015. – № 2-1(9). – С. 216-221.
8. Низомов, С. Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития / С. Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. – № 2. – С. 73-76.
9. Салтанова А.Г. Зарубежный опыт формирования и использования собственного капитала в сельскохозяйственных организациях // Аудит и финансовый анализ. - 2013. - №6. - С. 98-103
10. Соколов Я.В., Бутынец Ф.Ф., Горецкая Л.Л., Панков Д.А. Бухгалтерский учет в зарубежных странах: учебное пособие. [Отв. ред. Ф.Ф. Бутынец]. - М.: ТК «Велиби», Издательство «Проспект», 2007. - С. 30-65
11. Ткачук Н.В. Методологические основы формирования информации о собственном капитале: монография. - СПб.: Изд-во СПб ГУЭФ, 2011. - С. 52-66
12. Широбоков В.Г., Алтухова Ю.В. Французский опыт организации учета хозяйственной деятельности сельскохозяйственных организаций [Электронный ресурс] // Международный бухгалтерский учет. 2007. - №2. Доступ из справ. - правовой системы «Консультант Плюс»
13. http://minfin.tj/downloads/farmoish%20ykum.pdf (санаи муроҷиат 08.04.2023)
14. https:// hesabjam.ir
15. https://adilet.zan.kz/rus/docs/V070004771_ (санаи муроҷиат 24.03.2023)

16. https://adilet.zan.kz/rus/docs/V2200027025 (санаи муроҷиат 04.04.2023)

LITERATURE

1. Alimov A.A. Tax reform and tax burden in the conditions of transitional economy of Tajikistan / A. A. Alimov, A. M. Mamurov // Scientific review. Series 1: Economics and law. - 2011. - No. 6. - P. 278-284.
2. Dadomatov D.N., Kuzibayeva B.M. Investment as the main element of the development of regional industrial enterprise in Tajikistan / Competitiveness in the global world: economics, science, technology. Scientific journal. - Moscow: No. 11 ch. 6, 2017. - P. 720-723. ISBN 2412-883X.
3. Dadomatov D.N., Kuzibayeva B.M., Sobirova M.D. Methodical approaches to the formation of accounting for the management of authorized capital in a commercial organization / Message of the teaching university (natural and mathematical sciences). Publication of the State Pedagogical University of Tajikistan named after Sadriddin Ainy. Dushanbe, 2021. – No. 3 (3-4). - P. 133-138 ISSN 2707-9996
4. Israilov T.M., Kurmanbekova A.A. Financial accounting: Textbook. Osh: Publishing House "Toychubaev A.", 2015. -628 p.
5. Kuzibaeva B.M. The role of joint ventures in the development of the country's industry. / News of DDHBST. – Khujand, 2022. – No. 2 (91) – P. 72-81. ISSN 2411-1945
6. Mikhalkevich A.P. Accounting in foreign countries: textbook. 2nd ed., pererab. and add., - Mn.: LLC "Misanta", LLC "FUAinform", 2003. - 202 p.
7. Nizamov, S. F. The problem of implementation of IFRS in Tajikistan and the path of overcoming it / S.F. Nizamov, M. Shobekov // Iizvestia Issykkulskogo foruma accountants and auditors TSA. – 2015. – No. 2-1(9). - P. 216-221.
8. Nizamov, S. F. Accounting reform in the Republic of Tajikistan: problems and development perspectives / S. F. Nizamov // Audit and financial analysis. - 2010. - No. 2. - P. 73-76.
9. Saltanova A.G. Foreign experience in the formation and use of own capital in agricultural organizations // Audit and financial analysis. - 2013. - No. 6. - P. 98-103
10. Sokolov Y.V., Butynets F.F., Goretskaya L.L., Pankov D.A. Accounting in foreign countries: textbook. [Otv. ed. F.F. Butynets]. - M.: TC "Velibi", Izdatelstvo "Prospekt", 2007. - P. 30-65
11. Tkachuk N.V. Methodological foundations of the formation of information about own capital: monograph. - SPb.: Izd-vo SPb GUEF, 2011. - P. 52-66
12. Shirobokov V.G., Altukhova Yu.V. Frantzuzskyi opyt organizazione ucheta hozhazystnonnyi activitietiya selezhnostinnykh organizatsii [Electronic resource] // International accounting of accounting. 2007. - #2. Access from right. - legal system "Consultant Plus"
13. http://minfin.tj/downloads/farmoish%20ykum.pdf (date of application 08.04.2023)
14. https:// hesabjam.ir
15. https://adilet.zan.kz/rus/docs/V070004771_ (date of application 24.03.2023
16. https://adilet.zan.kz/rus/docs/V2200027025 (date of application 04.04.2023)